«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
профессор ________ Давлатзода С.Х.
«_04_» ____25____ с.2022

**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои олимони факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Холов Тоҷиддин Азизуллоевич, соли таваллудаш 1987, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети иқтисодиро аз рӯи ихтисоси муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2017 бақайдгирандаи Маркази бақайдгирӣ, аз соли 2017 то 2018 омӯзгори кафедраи менеҷмент, аз соли 2018 то ба имрӯз ба ҳайси омӯзгори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор карда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:** Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Даҳсолаи охир дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар натиҷаи бухрони дарозмуддат ва амиқи иқтисодӣ натиҷаҳои молиявии фаъолияти истеҳсолӣ ба таври назаррас бадтар гардида, зарарнокии истеҳсолии баъзе аз зироатҳои соҳа ошкор гардид. Дастнорасии захираҳои қарз барои аксарияти ташкилотҳои кишоварзӣ, ҷамъ шудани қарздорӣ дар назди буҷет, номутаносибии

нархҳо ба захираҳои моддию техникӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, фарсудагии базаи техникӣ, нокифоя будани самаранокии дастгирии давлатӣ боиси сатҳи пасти сармоягузорӣ дар соҳа мегардад.

Соҳаи кишоварзӣ ба сабаби хусусиятҳои хоси худ ба кумаки давлат, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тавассути чунин фишангҳо, ба мисли нарх, андоз, молия ва қарз ниёз дорад, ки онҳо дар маҷмуъ, механизми иқтисодии фаъолияти сармоягузориро ташкил медиҳанд. Вазъи кунунии молиявии аксарияти ташкилотҳои кишоварзӣ ба онҳо ба мустақилона амалӣ намудани на танҳо такрористеҳсолии васеъ, балки такрористеҳсолии одӣ имкон намедиҳад.

Натиҷаи корҳои кишоварзӣ дар солҳои охир имконият медиҳад, ки дар бораи зарурати фаъол намудани корҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳа хулосаҳои зарурӣ бароварда шавад. Барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши иқтидори истеҳсолии корхонаҳо, сармоягузориҳои назаррас, инчунин ташаккули механизми иқтисодии ба иқтисодиёти бозор мувофиқи фаъолияти сармоягузорӣ лозим аст, ки он зарурати гузаронидани таҳқиқотро дар ин самт ба миён мегузорад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи моро ташкил медиҳанд.

**Ҳадафи таҳқиқот** аз омӯзиш ва таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявию методологии сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди соҳаи кишоварзии обёришаванда, таҳияи тавсияю пешниҳодҳо оид ба такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини самаранокии он иборат аст.

**Масъалаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба ин ҳадафҳо дар кори таҳқиқотӣ масъалаҳои зерин гузошта шуданд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии механизми иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- таҳқиқи вазъи иқтисодиёт ва иқтидори сармоягузории ташкилотҳои кишоварзии минтақа;

- тахияи методикаи гузаронидани арзёбии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзии минтақа;

- гузаронидани арзёбии иқтидори сармоягузории зироаткории обӣ ва ошкор кардани мушкилоте, ки ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа монеъ мешаванд;

- муайян намудани дурнамои раванди сармоягузорӣ дар ҳамгироии ташкилотҳои агросаноатии минтақа;

- коркарди механизми муносибатҳои молиявӣ оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа.

**Объекти таҳқиқот.** Шаклҳои гуногуни хоҷагидории ташкилотҳои кишоварзӣ, инчунин ҳолати сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон объекти таҳқиқотро ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** равандҳои сармоягузорӣ ва механизми ҷалби сармоягузорӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, онҳоро ба ҳимояи ошкоро пешниҳод менамояд, аз инҳо иборатанд:

- дар доираи омӯзиши таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ назарияи муаллифӣ оид ба сармоягузорӣ, ҳамчун сармоягузорӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади гирифтани даромад ё фоида ва ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ ва ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ мусоидаткунанда дода шуд;

- хусусиятҳо, омилҳо, унсурҳо, таснифоти сармоягузорӣ ва мавқеи такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа, инчунин таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Исроил, Австралия, Аргентина, Россия, Қазоқистон оид ба сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда мавриди омӯзиш қарор

дода шуда, таҷрибаҳои ИМА, Исроил ва Австралия ҳангоми истифодаи обёрии қатрагӣ дар ноҳияҳои камоби вилояти Хатлон, тавсия карда шуд;

- модели регрессионӣ барои заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ таҳия карда шуд. Натиҷаҳои модели таҳиягардида нишон доданд, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (дар ҳолати бетағйир мондани ҳаҷми сармоягузорӣ), ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,094 фоиз зиёд мегардад, инчунин дар ҳолати ба як воҳид афзоиш ёфтани ҳаҷми сармоягузории заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (ҳангоми бетағйир будани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ) ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,906 фоиз афзун мегардад. Аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии обёришаванда бошад, ҳангоми ба як воҳид баланд шудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (дар ҳолати бетағйир мондани ҳаҷми сармоягузорӣ) ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,056 фоиз зиёд мегардад, дар ҳолати ба як воҳид зиёд шудани ҳаҷми сармоягузории заминҳои обёришаванда аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ (ҳангоми бетағйир мондани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ) ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,906 фоиз афзун мегардад;

- бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон арзёбӣ карда шуд. Муайян карда шуд, ки дар тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо дар вилояти Хатлон самаранокӣ дида мешавад;

- самтҳои афзалиятноки тавсеаи фаъолияти сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришавандаи минтақа асоснок карда шуда, бо дарназардошти иқтидор ва бартариятҳои рақобатӣ ҷиҳати рушди бахшҳои пахтакорӣ, боғдорӣ ва кишти дигари маҳсулоти озуқаворӣ пешниҳодоти мушаххас коркард ва ироа шудааст;

- стратегияи идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон тавассути механизми ҷалби сармоягузорӣ,

роҳҳои татбиқнамоии сармоягузорӣ, механизми идоракунии сармоягузорӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ таҳия ва пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда фаро гирифтааст.

Ширкати нисбатан мушаххаси унвонҷӯро ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқоти гузаронидашуда, бо чопу интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳодҳои ироагардида, ки дар ин бора маълумотномаҳо мавҷуд мебошанд, тасдиқ менамояд.

Диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ мебошад. Таҳлилҳои гузаронидаи ӯ дар заминаи корҳои олимони шинохтаи иқтисодиёт ва дигар пажӯҳишҳои монографии донишмандони муосири иқтисоддон ба ӯ имкон додаанд, ки як қатор пешниҳод ва тавсияҳои муҳимму мушаххасро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда асоснок намояд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия, ки ба муҳокима пешниҳод шудааст.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзӯъ ва навгониҳои он ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00. 03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд: 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ. 1.25.Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Муҳити инвеститсионӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон», 20-уми декабри соли 2018 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Корҳои илмии нисбатан муҳимми унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия:**

1. Холов Т.А. Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда // Паёми ДДБ ба номи Н. Хусрав, №1/1 (59) 2019. - С.173-177.
2. Холов Т.А. Консепсияи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н. Хусрав, №1/5 (74) 2019. - С.201-204.
3. Саидмуродов Ш.М., Холов Т.А. Муайянкунии омилҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н. Хусрав, №1/4 (83) 2020. - С.111-115.
4. Холов Т.А. Асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав №1/4 (83) 2020. - С.193-197.
5. Холов Т.А. Таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи кишоварзии вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон- Душанбе, 2019. №5 қисми 2.- С.164-168.
6. Холов Т.А. Иқтидори сармоягузории заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2019. №5 қисми 2. - С.164-168.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Сарраёсати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (№1/34 аз 26.01. 2022), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (№1/105, аз 28.01.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи даврaҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштошуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақаро омӯхта, роҳҳои баландбардории онро коркард ва дурнамои рушди онро дар минтақаҳо таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар бораи дуруст ба расмият даровардa шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ иҷозат дода шавад.